**Тақриз**

**ба диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна дар мавзӯи «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатхи лексика)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ пешниход шудааст.**

Хувайдост, ки таркиби луғавии хар як забон аз ҳисоби захираҳои луғавии худӣ бой нагардидааст. Аз ин ру, забонхои точики ва англисӣ мисли забонҳои дигари ҷаҳон ҳам дар гузашта, ҳам дар замони муосир аз ҳисоби захираҳои луғавии забонҳои дигар доираи таркиби луғавии худро бой гардонида, яке аз самтҳои мубрами пажӯҳиш дониста мешавад.

Рисолае, ки мухаккик ба пажухиши он даст задааст, бори нахуст дар забоншиносии тоҷику англис ба шумор рафта, вижагихои корбурди калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони англисӣ ва вомвожаҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ, афзун бар ин вуҷуди дастаи калони ҳамвожаҳои ду забони тазаккурёфта мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии истифодагардида иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 182 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзӯъ асоснок ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин методҳои таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Дар боби нахусти диссертатсия - “Корбурди вожаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ” – аз шаш фаслу ҳашт зерфасл иборат буда, дар чунин бахшҳо вижагиҳои истифодаи унсурҳои луғавии тоҷикӣ дар забони англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллифи рисола дар боби мазкур хамаи исмхои точики ва англисиро вобаста ба мансубияташон тасриф намуда, назару андешахои худро мушаххас баён намудааст.

Боби 2-юми диссертатсия ба масъалаи рушди таркиби луғавии забони англисӣ аз ҳисоби вожаҳои аслии тоҷикӣ бахшида шудааст.Иқтибосҳои англисии дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавҷуда мисли ҳамин гуна вожаҳои тоҷикии дар забони англисӣ дучороянда аз ҷиҳати маъно ягона набуда, соҳаҳои мухталифи ҳаётро ифода менамоянд.

Ин гуна калимаҳо аз рӯи замони ба таркиби луғавии забонҳои дигар, аз ҷумла тоҷикӣ дохил гардиданашон ягона набуда, баъзеяшон барвақт, қисми дигар баъдтар иқтибос шудаанд.

Калимаҳое дар ҳар ду забон решаи ягона дошта, сарчашмаашон ба з.-ас.ф.ҳ.-ӣ мерасад дар боби сеюми диссертатсия мавриди тахкики илми карор мегиранд.

Диссертатсияи таҳиянамудани Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна аз он ҷиҳат ҷолиб дониста мешавад, ки он дар асоси таҳқиқоти назарии забоншиносии муосир ва дигар манбаъҳои

методҳои маъмул ва мустаъмали таҳқиқоти илмӣ мавриди корбарӣ қарор дода шудаанд.

Бо вучуди дар сатхи баланди илми таълиф ёфтани рисола, он аз камбудуиву норасоихо ори нест, ба монанди:

1. Ҳамзамон дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (4, 8, 11, 16, 18, 27) ва услубиию китобатӣ (5, 12, 14, 18) ҷой доранд.

2. Чунин ғалатҳои имлоӣ ва услубиию техникӣ, ки дар матни диссертатсия ҷой доранд, дар саҳифаҳои гуногуни автореферати он низ ба мушоҳида мерасанд.

Бояд ишора намуд, ки эродҳои марбут ба диссертатсия ва автореферати он арзиш ва моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо барои докторант саҳлу имконпазир аст.

Хамин тавр, диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоновна дар мавзуи "Робитахои дучонибаи забонхои точикиву англиси (дар сатхи лексика)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои филологи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, кийси-типологӣ пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои филологи мебошад.

Сардори раёсати илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ В. Ю. Салоҳиддинов

Сана: 18.11.2020

Имзои В. Ю. Салоҳиддиновро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.Р. Суфиев